*Ба Шурои диссертатсионии* 6D.KOA-062 назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон *(*734025, *ш. Душанбе,* кучаи Мирзо Турсунзода 30*) E-mail:* rajabova@rambler.ru

# ТАҚРИЗ

***ба автореферати Носирзода Ҳусейни Саъдулло дар мавзуи "Идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли саноати хӯрокворӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод гардидааст.***

Дар шароити ташаккул ёфтани муносибатҳои бозорӣ ва рушди бемайлони иқтисодӣ бо назардошти шаклҳои нави хоҷагидорӣ, яке аз унсурҳои муҳимтарини рушди иқтисоди миллӣ ин татбиқ гардидани инноватсия дар иқтисодиёт, инкишофи илму техника ва ҷори намудани он дар равандҳои фаъолияти корхонаҳои саноатӣ бо мақсади баланд бардоштани иқтидори истеҳсолии он, рақобатпазирии солим дар бозори дохилию берунӣ ба шумор меравад.

Масъалаи мазкур пайваста мавриди баҳсу мунозира ва роҳандозии давлату ҳукумат қарор гирифта, дар доираи барномаҳо, стратегияҳои рушд мақоми махсусро рушди устуоври инноватсионӣ мегирад. Аз ин лиҳоз, мубрам будани мавзуи рисолаи номзадии Носирзода Ҳусейни Саъдулло бебаҳс аст.

Муаллиф тамоми масъалаҳои рушди устувор ва ба низом даровардани сиёсати инноватсионии корхонаҳои саноатиро дар идоракунии дурусти он қайд менамояд. Яъне барои рушди устувори инноватсионӣ ва барои мавқеи пешсафӣ дар бозори дохилӣ ва берунӣ корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла саноати хӯрокворӣ бояд ба идоракунии инноватсияҳо, идоракунии хавфҳои он диққати махсус зоҳир намоянд.

Муаллиф вобаста ба назарияи инноватсия, ташаккули он, методологияю принсипҳо ва асосҳои институтсионалии инноватсионӣ ақидаронӣ кардааст. Муаллиф дар автореферат қайд менамояд, ки омили асосии ҳар як пешравии субъектони хоҷагидорӣ инкишофи илму техника ва ҷорӣ намудани инноватсия ба равандҳои фаъолияти он мебошад.

Дар автореферат қайд мегардад, ки яке аз самтҳои асосии низоми идоракунии рушди устувори инноватсионӣ ин ҳифзи манфиатҳои иқтисодию иҷтимоӣ, ташкили фазои инноватсионӣ, бартараф намудани костагариҳои иқтисодӣ ва дастгирии сиёсати иқтисодию иҷтимоӣ нигаронидашуда мебошад.

Тибқи ақидаи муаллиф то ҳол низоми ҳамкориҳои мустаҳками байнисоҳавию байниминтақавӣ дар мамлакат дуруст ба роҳ монда нашуда, пойгоҳҳои техникии муассисаҳои олии кишвар ва корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар сатҳи зарурӣ фаъолият наменамоянд.

Бояд гуфт, ки таҳқиқотчӣ дар кори илмии худ бештар ба ғояҳои асосии институтсионализм ва нео-институтсионализм такя намуда, андешаҳои онҳоро қобили қабул медонад.

Аз руйи таҳлилҳои овардашуда муаллиф истеҳсолоти маҳсулоти хӯрокворириро қонеъ нагардонида ҳисобида, қайд мешавад, ки рақобатпазирӣ миёни дигар субъектони хоҷагидорӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст.

Дар автореферат қайд мешавад, ки маблағгузорӣ ба соҳаи илм ва инноватсияҳо барои ташкил ва идоракунии низоми инноватсионӣ номукаммал буда, ин самти мазкур ба маблағгузорӣ ва сармоягузории калон ниёз дорад. Зеро илм ва инноватсия яке аз фишангҳои асосии рушди устувори инноватсионӣ маҳсуб меёбад.

Муаллиф дар автореферат таҳлили фаъолияти корхонаҳои саноати хӯрокворириро дар шакли SWOT хуб нишон дода, дар он ҷиҳатҳои қавӣ, заиф, имкониятҳою таҳдидҳоро бармало нишон додааст, ки яке аз дастовардҳои илмии унвонҷӯ ба ҳисоб меравад.

Ҳамчунин, унвонҷӯ меъёрҳои мушаххассозии пайдарҳамии ташкили фаъолияти инноватсиониро дар расми 3. хуб нишон дода, қайд менамояд, ки меъёрҳои муқаррар шуда самаранокиро дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ таъмин менамояд. Дар баробар муаллиф аз таҷрибаи давлатҳои ҳамоя мисол оварда, татбиқи онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсад мувофиқ медонад.

Вобаста ба самтҳои асосии такмилдиҳии идоракунии инноватсионии корхонаҳои саноатӣ муаллиф як чанд ҳадафҳою мақсадҳо ва дигар самтҳои такмилдиҳии ин соҳаро қайд намудааст. Қайд карда мешавад, ки рушди бемайлони иқтисодӣ корхонаҳои саноатиро водор месозад, ки ба платформаи рақмӣ гузаранд. Зеро он муҳити ягонаи иттилоотии корхонаро ташкил намуда, дар саноати хӯрокворӣ дар таъмини рушди устувори инновастионӣ, банақшагирии автоматӣ ва иттилооти дуруст нақши калидӣ мебозад.

Бо назардошти он ки автореферат дар сатҳи кофӣ таҳқиқ гардидааст, баъзе камбудиҳо мушоҳида карда мешавад, аз ҷумла:

1. Дар расми 5-уми автореферат самтҳои асосии такмилдиҳии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ нишон дода шудааст, аммо дар он омилҳои манфии таъсиррасон оварда нашудааст, хуб мешуд ба ҷиҳати омилҳои манфӣ ақидаи хешро унвонҷӯ иброз медошт.

2. Муаллиф дар автореферат дар бораи мутобиққунии санадҳои меъёрҳои ҳуқуқии соҳаи саноатӣ суханронӣ накардааст, хуб мешуд муаллиф консепсияҳо,

стратегияҳо ва санадҳои меъёрҳои ҳуқуқии соҳаи саноатиро дар автореферат қайд мекард ба мақсад мувофиқ мебуд.

Аммо ба андешаи мо, камбудиҳои ҷойдошта арзишу аҳаммияти рисолаи иҷронамудани Носирзода Ҳусейни Саъдуллоро ҳаргиз кам ва коста нагардонида муҳтавои онро дигар намекунад. Аз ин рӯ, рисолаи номзадӣ таҳлили илмии худро ёфта, метавон гуфт, ки муллиф ба он хулосаю пешниҳодҳои асоснок намудааст.

Дар асоси тақризи автореферат хулоса баровардан мумкин аст, ки рисолаи диссертатсионии Носирзода Ҳусейни Саъдулло дар мавзуи "Идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли саноати хӯрокворӣ)" таҳқиқоти анҷомёфтаи яке аз проблемаи муҳими соҳаи иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, дорои навовариҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ мебошад ва мувофиқан муаллифи он лоиқи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.06.02 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Муовини ректор оид ба**
**рушди стратегӣ ва идоракунии сифат**
**д.и.и, дотсент** **Шаропов Ф.Р.**

**Имзои Ф.Р. Шароповро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДБССТ** **Ҷураев Ш.Н.**

**Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш.Душанбе, кӯчаи Борбад 48/5. Телефон: (+992) 2348802
E-mail: dsx_ips@mail.ru Сомона: https:/www/iutet.tj.